Ба Шӯрои диссертатсионии 6DKOA – 12 назди
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061,
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ,1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12. «Иқтисодиёти меҳнат» пешниҳод гардидааст.**

Дар автореферати тақризшаванда масъалаи такмил додани арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути истифодаи услубҳои муосири таҳлил дарҷ гардидааст.

Омӯзиши автореферат нишон медиҳад, ки дар он тафсири мафҳуми шуғл аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ (ҳисобгирӣ) муайян карда шудааст. Ба назар мерасад, ки чунин равиши таҳқиқот характери системавиро дошта ба муаллиф имконият додааст, ки шуғли пурмаҳсули аҳолиро мавриди арзёбӣ қарор диҳад.

Маврид ба зикр аст, ки дар ҳар мамлакат рушди устувори шуғли пурмаҳсул хусусиятҳои худро дорад. Дар автореферати мазкур низ муаллиф як қатор тамоюлҳои рушди рушди устувори шуғли пурмаҳсулро дар алоқамандии рушди иқтисодӣ инъикос кардааст. Аз ҷумла муаллиф ба таври зайл изҳори ақида менамояд: “дар ҳолате, ки рушди устувори иқтисодӣ дар кишвар таъмин карда мешавад, мумкин аст арзёбӣ кард, ки талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ афзуда, сатҳи шуғли аҳолии дар иқтисодиёт фаъол зиёд мегардад, ки мувофиқан ба коҳишёбии сатҳи бекорӣ мусоидат менамояд” (с. 11). Чунин изҳори ақидаи муаллиф қобили мақбул буда, мебояд илова намуд, ки рушди устувори иқтисодӣ, инчунин ба коҳишёбии сатҳи муҳоҷирати меҳнатии беруна низ мусоидат хоҳад кард.

Бартарияти назаррас, ки дар автореферати тақризшаванда дарҷ гардидааст, ин аз ҷониби муаллиф истифода бурдани усули таҳлили бисёрченаи муқоисавӣ барои тавсифи миқдории сатҳи рушди устувори шуғли пурмаҳсул мебошад. Тавассути усули мазкур, рейтинги ҷамъбастии нишондиҳандаҳои шуғли пурмаҳсул дар динамика тавсиф карда мешаванд. Ин талқин менамояд, ки ба тағйирёбии нишондиҳандаи миёнаи рушди устувори шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар кишвар диққати ҷиддӣ дода шавад.

Ба фикри мо дар матни автореферат баъзе камбудӣ ва нофаҳмоиҳо вуҷуд доранд:

1. Дар автореферати тақризшаванда ҳангоми ҳисоби сатҳи аҳолии дар иқтисодиёт машғул дар кадом ҳолат нишондиҳандаи шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат ва дар кадом маврид нишондиҳандаи шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол истифода бурда мешаванд, шарҳ дода нашудааст.

2. Агар дар матни автореферат андозаи тағйирёбии нишондиҳандаи умумии гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҳисоби тағйирёбии ҷалби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти кишварҳои хориҷӣ ва аз ҳисоби тағйирёбии ҷалби шумораи шаҳрвандони хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода мешуд, он гоҳ сифати арзёбии шуғли пурмаҳсул баланд мешуд.

Ҳамин тавр, камбудӣ ва нофаҳмоиҳое, ки дар боло дарҷ гардидаанд, асосан характери тавсиявӣ доранд ва эътибори илмии авторефератро коҳиш намедиҳанд. Бинобар ин, тибқи автореферати тақризшаванда хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи иҷрошуда кори илмию тахасусии баитмомрасида ба шумор рафта, ба талаботи КОА –и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад. Ба муаллифи диссертатсия ва автореферати он - Назарзода Н.Н. бошад, додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 Иқтисодиёти меҳнат сазовор дониста мешавад.

**д.и.и., профессори кафедраи**
**назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони**
**Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон** **Раҳматзода Ҳ.Б**

Имзои д.и.и., профессор Раҳматзода Ҳ.Б –ро тасдиқ менамоям:

**Сардори шуъбаи кадрҳои ДСРТ** Раҳимов А